# МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ

Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ чун давлати ташаббускор дар самти истифода ва идоракунии захираҳои обӣ дар сайёра мавқеи баланду асосиро касб намуда, пешниҳодҳои муҳиму шоистаи марбут ба об ва масъалаҳои экологӣ аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ давра ба давра аз ҷониби Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаҳои дахлдор эътироф мегардад. Масалан:

- соли 2003-Соли байналмилалии оби тоза;
-даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015;
- соли 2013-Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об;
- даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028».

Дар муддати чанд соли охир, тағйироти ҷиддии иқлим ба назар расида, дар натиҷаи гармшавии ҳаво обшавии пиряххо, ки сарчашмаи асосии захираи оби ошомиданӣ ба шумор меравад, бештар дида мешавад. Агар ҳолати мазкурро феълан ба инобат нагиранд, пас ин дарояндаи наздик метавонад фалокатҳои ногувори иҷтимоиву ҳисороти зиёди иқтисодиро ба вуҷуд биёрад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ҳифзи пиряххоро дар сатҳи минтақа ва байналмилалӣ ба муҳокимаи умум гузошта, аз пайомадҳои харобовари он ҷомеаи ҷаҳониро ҳушдор менамоянд.

Ҳамин аст, ки 14–уми декабри соли 2022 зимни баргузории Иҷлосияи 77-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми Тоҷикистон, пешниҳоди Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо бо иттифоқи оро ва якдилона қабул намуд. Ва дар ин замина Бунёди махсуси мақсадноки байналмилалӣ ҷиҳати саҳмгузорӣ бо мақсади ҳифзи минбаъдаи пиряххо таъсис дода шуд. Илова ба ин ҳамасола 21- уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо» таҷлил карда мешавад.

Қабули чунин як қатъномаи муфид боиси ифтихору сарфарозии аҳли ҷомеа ва тамоми тоҷикзабонони ҷаҳон маҳсуб ёфта, соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон шудани соли 2025 идомаи мантиқии ташаббусҳои шоиставу беназири Президенти мамлакат дар самти об ва экология мебошад.

Мусаллам аст, ки об манбаи бебаҳо барои рушди устувор, таъмини ҳаёти осоишта ва саломатию зиндагии мардум дар рӯйи замин ба шумор

рафта, дар шароити дигаргуншавии иқлим масъалаи бо об таъмин гардидани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, ки ба захираи оби ширин алоқаманд мебошад. Гузашта аз ин, сол ба сол нарасидани оби тоза дар сайёра бештар ва фавти кӯдакону калонсолон ба қайд гирифта шуда, босуръат обшавии пиряххо мушоҳида мешаванд, ки ин ба таъмини амнияти экологии башар таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, иқдомҳои дурандешона ва созандаву башардӯстонаи Роҳбари давлат ба ҳалли нарасидани оби нӯшокӣ дар ҷаҳон ва умуман масъалаҳои экологӣ дар сайёра мусоидат карда, ба ҳифзи боигариҳои табиат замина мегузорад. Чун Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад, зиёда аз 60 фоизи захираи обии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳудуди ҷумҳурии мо ташаккул меёбанд. Дар замоне, ки саноати вазнин дар ҳоли рушд асту фазои экологии ҷаҳониро хатари заҳролудшавӣ таҳдид менамояд, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бояд ба қадри ин боигариҳои табиат бахусус об расанд. Бо назардошти ин, пешниҳоди Тоҷикистон дар мавриди таъсиси маркази омӯзиши пиряхҳо саривақтӣ ва ба манфиати ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Зикр мегардад, ки ҳар сол аз истеъмоли оби ифлос ва касалиҳои сироятии марбут ба об қариб ним миллион одам мефавтад, ки аз ин шумора теъдоди зиёдро кӯдакону наврасон ташкил медиҳанд. Чун пиряхҳо махзани бузурги оби тоза ба шумор мераванд, зарур аст, ки пеши роҳи раванди обшавии онҳо гирифта шавад.

Пиряхҳои Тоҷикистон маҷрои рӯдхонаву дарёчаҳо ва кӯлҳои мамлакатро ба танзим дароварда, ба ин васила сабзиши гулу гиёҳ ва нашъунамои дарахтонро дар чор фасли сол таъмин менамоянд.

Мутахассисон муайян намуданд, ки ҷиҳати пешгирии раванди обшавии пиряхҳо зарур аст дар ҷаҳон ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ кам карда шавад, зеро ин партовҳо боиси дигаргунӣ, аз ҷумла гармшавии ҳаво мегарданд. Барои ин зарур аст, ки миқдори обанборҳо зиёд намуд ва ба ин васила метавон намнокиро зиёд ва ҳарорати ҳаворо паст кард.

Умед аст, ки бо амалӣ шудани ташаббусҳои Тоҷикистон мушкилоти экологӣ давра ба давра ҳалли худро ёфта, пиряхҳо ҳифз мегарданд ва нарасидани оби нушокӣ дар Осиёи Марказӣ ба миён намеояд. Ҳамчунин хоҷагии ҷангал дар Тоҷикистон рушд кардаву парваришу ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш вусъат меёбад.

Адабиёт:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, (22 декабри соли 2016) саҳ 39

2.М.Саидов, К.Исоев, А.Давлатов, Ҳ.Содиқов Экология ҶДММ "ТоРус" ш.Душанбе 2018 саҳ 270

3.Минбари халқ 18 январи соли 2023, №3 (1400) «Қаламрави пиряххо» саҳ 4.

4.Ҷумҳурият Чоршанбе, 21 декабри соли 2022. №245 (24604) «Ҳифзи пиряххо-пазироии ташаббуси Пешвои миллат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ» саҳ 1-2

5.Сомонаи.интернет:. Абдулҳамид.Қаюмов.tojikmatlubot.tj https://t

Мудири шуъбаи технологияи меҳнат,
тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии
ҳарбӣ ва бозниганиву такмили стандарт,
барномаҳои таълимию китобҳои дарсии
Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи
Таҳсилоти Тоҷикистон — Суриева Ш.Ч.